**Суратмаҷлиси № 20 –и**

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

аз 14 сентябри соли 2024 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 11 нафар, аз рӯи ихтисос 3 нафар доктори илм

аз 14 сентябри соли 2024, соати 13:00 дар толори Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 баргузор гардид.
Вақти анҷоми ҷаласа:15:00.

**Раисикунанда:** доктори илми филология, профессор Ҷабборова М.Т.
**Котиби илмӣ:** номзади илми филология, дотсент Ҳасанова Ш.Р.

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Арабзода Фирӯз Ҳамрохон дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии вижагиҳои забонию фарҳангии ифодаи консепти “гул”(дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**
Ахбори раисикунандаи раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илми филология, профессор Ҷабборова М.Т. шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муқарризони расмӣ: Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович -** доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

**Ҳакимов Ҳасан Турсунович –** номзади илми филология, мудири кафедраи методика ва амалияи таълими забон ва адабиети руси факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Котиби илмии Шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва хуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Диссертант Арабзода Фирӯз Ҳамрохон оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аьзои Шурои диссертатсионӣ, номзади илми филология, дотсент **Матробиён Саодатшо Қосим,** докторони илми филология,профессорон **Каримов Шуҳрат Бозорович, Қосимов Олимҷон Ҳабибович**, номзади илми филология, дотсент **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна,** докторони илми филология, профессорон **Гулназарзода Жтло Бурӣ, Шербоев Саидбой** ва **Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна** ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ доктори илми филология, профессор **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** тақрирҒшонро пешниҳод намуданд.

Котиби илмии Шуро матни тақризи муассисаи пешбар - Донишгоњи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоњи Рӯдакӣ ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Муқарризони расмӣ - Ҷоматов Самиддин Салоҳиддинович доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Ҳакимов Ҳасан Турсунович номзади илми филология, мудири кафедраи методика ва амалияи таълими забон ва адабиети руси факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.**

Докторони илми филология, профессорон Каримов Шуҳрат Бозорович, Гулназарзода Жило Бурӣ, Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна ва номзадони илми филология, дотсентон Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна ва Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна баромад карда, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барон овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ – доктори илми филология, профессор Каримов Шухрат Бозорович, номзади илми филология, дотсент Матробиён Саодатшо Қосимзода ва номзади илми филология, дотсент Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои Шуро 11 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 3 нафар доктори илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 11, муқобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Арабзода Фирӯз Ҳамрохон додани дараҷаи илмии номзади илми филология қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи**
**Сотим Улуғзода**

**аз 14.09. 2024** **ш. Душанбе**

Баромади Арабзода Фирӯз Ҳамрохон **барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, баромади муқарризони расмӣ – Ҷоматов Самиддин Салоҳиддинович доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Ҳакимов Ҳасан Турсунович номзади илми филология, мудири кафедраи методика ва амалияи таълими забон ва адабиети руси факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, муқарризони ғайрирасмӣ докторони илм, профессорон **Каримов Шуҳрат Бозорович, Гулназарзода Жило Бурӣ, Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна ва номзадони илми филология, дотсентон Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна ва Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевнаро** шунида, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Арабзода Фирӯз Ҳамрохон

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Арабзода Фирӯз Ҳамрохон дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вижагиҳои забонию фарҳангии ифодаи консепти “гул”(дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Арабзода Фирӯз Ҳамрохон дараҷаи илмии номзади илмҳои

филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Арабзода Фирӯз Ҳамрохон дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раисикунанда: муовини раиси Шурои
диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Ҷабборова М.Т.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Ҳасанова Ш. Р.

14.09.2024с.